*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*
*Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.*

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсия Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.***

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба иқтисодиёти донишбунёд босуръат идома дорад, омили асосии рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин асос, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал гардида, дараҷаи рақобатпазирии мамлакатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муайян менамояд.

Дар чунин шароит, рушди соҳаи маориф, илм, технология ва татбиқи дастовардҳои инноватсионӣ аҳаммияти хоса касб мекунад. Маҳз тавассути баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, рушди малакаҳои касбӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос замина барои ташаккули иқтисодиёти муосир фароҳам оварда мешавад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва аз ҷиҳати назариявию амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, консепсияҳои муосири он, воситаҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд ва самаранокии татбиқи онҳоро дар фаъолияти саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Дар доираи таҳқиқот хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои баланд бардоштани самаранокии донишбунёд таҳлил гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосир оид ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии донишбунё аҳолӣ истифода шаванд.

Муаллиф зимни таҳқиқот аз усулҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, баҳодиҳии иқтисодӣ ва усулҳои оморӣ истифода намуда, ба ин васила эътимоднокии хулосаҳои илмиро таъмин кардааст. Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати тақвият дода шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои саноатикунонии босуръат мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таълими фанҳои марбут ба саноатикунонии босуръат истифода шаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар баробари афзоиши аҳаммияти дониш истилоҳоти нави иқтисодӣ – «иқтисоди шабакавӣ», «иқтисоди рақамӣ» пайдо шуданд. Аммо мафҳуми муҳимтарине, ки тамоюли болоравии аҳаммияти донишро барои самаранокии низоми иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мекунад, ин «иқтисоди ба дониш асосёфта» мебошад, дар он дониш ва иттилоот ҳамчун омили истеҳсолот баромад менамоянд. (саҳ 11)

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат нақши назаррас ба илм ва инноватсия рост меояд. (саҳ 14)

Муаллиф хело хуб таъкид кардааст, ки дар баробари зиёд гардидани ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар сохтори ММД солҳои охир ҳиссаи ин бахш дар шуғл низ боло рафта истодааст. (саҳ 17)

Унвонҷӯ қайд намудаст, ки таҳлилҳои гузаронидашуда нишондиҳандаҳои овардашуда нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикитон заминаҳо барои иқтисодиёти донишбунёд гузошта шудааст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ба гузариш ба технологияҳои насли 5 ва 6 мувофиқат менамояд, ки дар доираи он дониш зиёда аз 50 фиссадро дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда

ташкил намуда тамоми хусусиятҳои раванди истеҳсолотро муқарар менамояд. (саҳ 18)

Мундариҷаи автореферата таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ тахия гардида, ба талаботи таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, мувофиқ мебошад.

Автореферата диссертатсяи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустакилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии равнақи рушди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири илмӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат менамояд. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар автореферата диссертатсия бадастомада бо матни диссертатсия ҳаммаъно буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти рисолаи илмиро фаро мегиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди оморий натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқотии диссертасионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои равнақи рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Новобаста ба паҳлуҳои мусбат дар автореферата тақризшаванда чунин камбудӣ низ ҷой дорад:

1. Муаллиф таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ба таври мухтасар овардааст, агар муаллиф истифодаи васеътари ин таҷрибаҳоро асоснок менамуд сифати кор хубтар мешуд;

2. Баъзе тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо дар шароити воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ шарҳ дода нашудаанд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳод гардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқиоти диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон", дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯӣ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини аввали ректори
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Ҳамдамзода Хурсанд Акбар

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ. 67
Телефон: (+992) 93 594 39 31
E-mail: rasulov.subhon@mail.ru

Имзои д.и.и., дотсент, муовини аввали ректор
Ҳамдамзода Хурсанд Акбарро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав»
"04" 07 2026 Исҳоқзода М.М.

**Нишонӣ**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru